Такриз

**Ба автореферати** Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод шудааст.

Дар Конвенсия оид ба ҳуқуқҳои кӯдак, ки дар он Созмони Миллали Муттаҳид ҳуқуқ ба бозикунӣ доштани онҳоро ҳамчун ҳуқуқи арзишманд ва дахлнопазир эътироф намуд ва ҳар як кӯдак қонунан вазифаи инкишоф додани шахсияти онҳоро муаррифӣ намуд. Ин ба зиёд намудани таваҷҷуҳ ва имконияти муҳаққиқони ватанию хориҷиро ба таҳқиқу баррасии масъалаҳои нақши бозиҳо дар ҳаёти кӯдакон мусоидат намуданро дар амал муҳаққиқ истифода бурд.

Дар рисола муҳақиқ дар боби аввал бештар масъалаҳои инкишофи қобилияти кӯдакон ҳамчун проблемаи психологӣ ва педагогӣ, хусусияти инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни томактабӣ, имконияти истифодаи бозиҳо дар тарбия ва инкишофи қобилияти мусиқӣ - эҷодии кӯдакон барраси намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия бошад, бештар масъалаҳои заминаҳои барномавӣ-методии инкишоф додани қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ, омӯзиши ташхисии вазъи рушди қобилиятиҳои мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолияти мусиқӣ-бозикунӣ, инчунин кори озмоишӣ ва натиҷагирӣ аз он таҳлилу баррасӣ намудааст. Ҳар як боб хулосаи худро дошта, ба мақсади гузошташуда таҳқиқоти илмӣ расидааст.

Кори илмии диссертант кори мустақилона ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаи мубрами барои илм ва амалияи педагогӣ муҳимро дар бар гирифтаро дар амал татбиқ намудааст.

Дар баробари мувофиқиятҳои автореферати диссертатсия аз камбуди холи нест:

Дар автореферати рисола хуб мешуд, ки аз тадқиқотҳои олимони ватанӣ бештар истифода бурда мешуд.

Кори илмии диссератсия ба меъёрҳои «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ»-ро Комиссияи олии аттестатсиони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллиф Рамазонов Давлат Сулаймонович дар мавзуи «Инкишофи қобилияти мусиқӣ-эҷодии кӯдакони синни калони томактабӣ дар фаъолиятҳои мусиқӣ-бозикунӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 - Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01.-Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) сазовори унвони илмии номзади илмҳо дониста шавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи психология
ва сотсиологияи идоракунии Академияи
идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Ғаниева Б.Ҷ.

Маълумот барои тамос:
734003, Ҷумҳурии Таҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Саид Носиров 33,
тел: 904-07-16-00,
почтаи электоронӣ: E-mail: simin62@inbox.ru

Имзои Б. Ғаниева -ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва
корҳои махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.